СПИД Фонд Шарқу Ғарб
AIDS Foundation East West
Тоҷикистон|Tajikistan

# МАЪЛУМОТИ ХИСОБОТӢ
## оиди амалӣ намудани чорабиниҳои муштараки ТҶҶ «СПИД Фонд Шарқу Ғарб-Тоҷикистон» (*AFEW*) ва Сарраёсати иҷрои ҷазои ҷиноятии Вазорати Адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон (СИҶҶ)

Дар соли 2014 дар амалӣ намудани чорабиниҳои муштарак бо СИҶҶ дар соҳаи ҳифзи саломатии маҳкумшудагон, тайёр намудани мутахассисон ва кӯмаки иҷтимоии озодшудагон ҳаҷми умумии маблағгузорӣ аз ҷониби *AFEW* 302480,08 сомониро ташкил намуд.

Чорабиниҳо тибқи Нақшаи муштараки СИҶҶ ва *AFEW* оиди амалӣ намудани барномаҳои пешгирикунанда дар соҳаи ВНМО ва сил ва дар асоси дархостҳои расида аз ҷониби СИҶҶ, Раёсати тиббӣ, РИҶҶ вилояти Суғд ва мамурияти МИ гузаронида шуданд.

<u>Чорабиниҳо оиди пешгирии ВНМО ва сил</u>

129 маҳкумшудагоне, ки аз муассисаҳоиислоҳии Я/С 3/1, 3/4, 3/3, 3/5, 3/6, 3/8 озод шуданд, ба хизматрасонии мукамали профилактикӣ ва иҷтимоии барномаи СТАРТ Плюс, ки аз ҷониби *AFEW*, ТҶ «Вита», ТҶ «Ҳаёти нав» ва ТҶ «Сино» амалӣ гардид, дастрас шуданд.

Бо дархости РИҶҶ вилояти Суғд таҳти №4005 аз 14 октябри соли 2014 ва МИ 3/1 шаҳри Душанбе, бо дастгирии *AFEW* дар байни маҳкумшудагони се МИ Я/С 3/1, Я/С 3/3 и 3/5 ташхис намудани беморechii сил ташкил карда шуд. Бо дастгирии ТҶ «Вита» ва «Ҳаёти нав» 1412 нафар маҳкумшудагон аз ташхиси бемории сил гузаштанд. Дар 43 ҳодиса шубҳа ба бемории сил мавҷуд буд ва 2 ҳодисаи нави бемории сил ошкор гардид. *( Замимаи 1)*

Бо мувофиқат бо роҳбарияти СИҶҶ ва маъмурияти МИ аз тарафи *AFEW*, ТҶ «Вита», ТҶ «Ҳаёти нав» ва ТҶ «Сино» дар давоми соли 2014 61 мини-тренинг оиди масъалаҳои пешгиринамоии ВНМО ва сил, бо ҷалб намудани 1300 маҳкумшудагон дар МИ Я/С 3/1, 3/4, 3/3, 3/5, 3/6 и 3/8 гузаронида шуданд.

Бо тавсияи Гурӯҳи корӣ оиди ҳифзи саломатӣ дар СИҶҶ аз ҷониби *AFEW* лавҳаҳои иттилоотӣ оиди масъалаҳои пешгиринамоии ВНМО ва сил ва хизматрасонӣ барои озодшавандагон коркард карда шуданд. Лавҳаҳо бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ коркард гардида, андозаи ҳар кадоми он 3,10 м х 9,0 м ташкил мекунад. 01 августи соли 2014 тибқи санади доду гирифт, аз тарафи *AFEW* ба Раёсати тиббии СИҶҶ 20 дона лавҳаҳои иттилоотии беруна барои ҷойгиркунӣ дар 10 муассисаҳои ислоҳии СИҶҶ супорида шуданд. *(Замимаи 2)*

<u>Омӯзиш ва тайёрнамоии мутахассисон</u>

Мутобиқи Нақшаи муштараки СИҶҶ дар соли 2014 8-то тренинг ва сессияҳои иттилоотӣ дар мавзӯи пешгиринамоии ВНМО ва сил ва кӯмаки иҷтимоии озодщавандагон ташкил карда шуданд. Дар рафти тренингҳои *AFEW*, ки бо иштироки намояндагони СИҶҶ

гузаронида шуданд, 12 нафар командони тиббӣ, 136 нафар кормандони ғайритиббӣ ва 12 нафар командони ташкилотҳои ҷамъиятие, ки бо маҳкумшудагон ва шахсони аз маҳбас озодшаванда кор мебаранд, омӯзонида шуданд. *(Замимаи 3)*

Кӯмак оиди дархостҳои иловагӣ

Тибқи дархости СИҶҶ таҳти № 515-458 аз 10 апрели соли 2014 аз тарафи *AFEW* ба СИҶҶ дастгирии моддӣ, дар намуди хариди 2000 кг гипохлорити калсий барои талаботҳои муассисаҳои СИҶҶ расонида шуд. Инчунин, 12 майи соли 2014 ба Раёсати Тиббии СИҶҶ маҳсулотҳои тамъизкунанда пешниҳод карда шуданд. *(Замимаи 4)*

Мувофиқи дархости Раёсати Тиббии СИҶҶ таҳти №6 аз 10 феврали соли 2014 *AFEW* иштироки намояндаи Раёсати Тиббии СИҶҶ дар кори Анҷумани 3-юми Умумирусиягӣ оиди бемориҳои сироятшаванда дар ш. Москваи ФР дар рӯзҳои 24-26 марти соли 2014 дастгирии молиявӣ намуд. *(Замимаи 5)*

Чорабиниҳо оиди авф

Тибқи дархости СИҶҶ таҳти №5/2081 аз 22 октябри соли 2014 аз ҷониби *AFEW* дар ҳамбастагӣ бо ТҶ «Вита» ш. Душанбе ва ТҶ «Ҳаёти нав» ш. Хуҷанд дастгирии модии мукамал дар рафти амалӣ намудани чорабиниҳои санитарию-фаҳмондадиҳӣ, пешгиринамоӣ ва иҷтимоию ҳуқуқии СИҶҶ дар доираи авф расонида шуд. *(Замимаи 6)*

Мутобиқи Нақшаи муштарак ва Дастурамали СИҶҶ аз 22 октябри соли 2014 *AFEW* дар ҳамбастагӣ бо ТҶ «Вита» ш. Душанбе ва ТҶ «Ҳаёти нав» ш. Хуҷанд чорабиниҳои зеринро гузарониданд*(Замимаи 7)*:

- 4762 нафар маҳкумшудагон дар МИ Я/С 3/1, 3/4, 3/3, 3/5, 3/6, 3/8 ва 3/12 аз ташхиси ВНМО гузаронида шуданд. Дар 60 ҳолат натиҷаҳои ташхиси фаврӣ мусбӣ баромаданд ва онҳо таҳти назорати мутахассисони марказҳои СПИД мебошанд.

- 17284 нусхаи 4 намуд китобчаҳо оид пешгиринамоии «ВНМО», «БАҶС», «Дастур барои озодшавандагон», «Қиссаҳо дар бораи мардон ва занон» дар байни маҳкумшудагоне, ки ба таври ихтиёрӣ дар гузаштан аз ташхиси ВНМО иштирок намуданд, инчунин шахсоне, ки дар доираи авф аз МИ Я/С 3/1, 3/4, 3/3, 3/5, 3/6, 3/8 ва 3/12 тақсим карда шуданд.

- 906 нафар маҳкумшудагоне, ки аз МИ Я/С 3/1, 3/4, 3/3, 3/5, 3/6, 3/8 ва 3/12 озод шуданд, соҳиби маҷмӯҳои иҷтимоӣ (маводи хӯрока, маводҳои гигиенаи шахсӣ) гардиданд.

- 358 нафар озодшудагон бо тариқи автобусҳо аз МИ Я/С 3/6 аз н. Ёвон ва аз МИ Я/С 3/8 аз ш. Норак ба шаҳри Душанбе оварда расонида шуданд. *(Замимаи 8)*

- 78 нафар озодшудагон ҷудогона бо тариқи нақлиёт аз шаҳри Душанбе ба 12 самт равона карда шуданд.

4 маҷлиси Гурӯҳи корӣ оиди ҳифзи саломатӣ дар СИҶҶ бо иштироки 18-30 намояндагони СИҶҶ, ташкилотҳои давлатӣ, байналхалқӣ ва ҷамъиятӣ гузаронида шуданд.

3 мониторинг оиди баҳодиҳии самаранокии чорабиниҳои омӯзишӣ СИҶҶ ва сифати хизматрасонии кӯмаки иҷтимоии маҳкумшудагон бо иштироки чор нафар намояндагони СИҶҶ ва шаш нафар намояндагони *AFEW,* хадамотҳои тандурустӣ гузаронида шуданд.